Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 16/14)
E-mail: faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна ба диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи он онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович, ки дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои ҳимоя чиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи шиносномаи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) иҷро гардида, ба бандҳои ихтисоси мазкур мутобиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мувофиқ ба талаботи ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши андозу молия, дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули барномаи «Буҷетикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи солҳои 2025», дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи раҳнамою дастурамалҳо иҷро шудааст.

Дар таҷриба, яке аз масъалаҳои асосие, ки ба рушди иқтисоди миллӣ оварда мерасонад, ин тақвият додани низомҳои андозбандӣ, аз қабили низоми соддакардашуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори иқтисодии ҳар як кишвар, алалхусус субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон гуфтан мумкин аст, ки ташаккул ва татбиқи иқтидори иқтисодӣ дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала дар сатҳи ҷумҳурӣ аз манфиат холӣ набуда, балки заминаи моддие дар баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар тавассути рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба шумор меравад.

Ҳамчунин, як ҷанбаи дигари муҳимми таҳқиқоти диссертатсионии докторант, ин пешниҳоди дарёфти роҳҳои такмилдиҳии назариявӣ ва амалии тақвият додани шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар робита ба низоми андозбандӣ, мураттаб гардонидани механизми ташаккули сиёсати андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, зарурати дастгирии давлатии субъектҳои хоҷагидории хурду миёнаи бахши воқеӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ дар робита ба истифодаи низомҳои махсуси андозбандӣ мебошад, ки мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологии роҳҳои амалигардонии рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

***Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, моҳияти аслии таҳқиқотро дар бар мегиранд:***

- яке аз натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методии такмилдиҳии андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ ифода меёбад, ки муаллиф бо нишон додани таркиби фаъолияти соҳибкорӣ бодарназардошти иқтидори истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин хусусиятҳои низоми андозбандии онҳо дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти мамлакат асоснок намудааст (саҳ.14-30).

- натиҷаҳои дигари арзишманди таҳқиқоти диссертатасионӣ ин омӯзиши тамоюлҳои андозбандии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки муаллиф онро дар дастгирии давлатии соҳибкорӣ, васеъ намудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ, маблағгузорӣ оид ба фаъолгардонии заминаи моддӣ-

техникӣ, рушди муносибатҳои берунӣ, татбиқи таҷрибаи пешқадам оид ба таъмини рушди соҳибкории истеҳсолии мамлакат арзёбӣ менамояд (саҳ. 30-58).

- дар раванди таҳлил ва таҳқиқи омилҳо ва вазъи дигаргуншавии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар мамлакат муаллиф истифодаи имкониятҳои эконометрикиро дар шакли моделҳои мушаххаси таҳия намуда, бо мақсади ошкор намудани алоқамандии байни воридоти андоз ва омилҳои таъсиррасонандаи субъектҳои соҳибкории тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандаро пешниҳод намудааст (саҳ.60-74);

- нуктаи назари дигари муаллиф, ки қобили қабул аст, ин коркарди механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории истеҳсолӣ ва такмили вазъи молиявии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар мамлакат мебошад, ки мақсади он мураттаб сохтани низоми сиёсати андозбандии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва чораҳо оид ба таъсиррасонӣ ба он мебошад, ки дар ин раванд таъсири меъёрҳои андоз хело муҳим арзёби гардида бо ҷой доштани механизми ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурди истеҳсолӣ имкониятҳои рушди иқтисоди миллиро фароҳам меорад (саҳ. 75-105;

- яке аз натиҷаҳои дигари арзишманди диссертатсия ин муайянсозии роҳҳои такмили низоми махсуси андозбандӣ ва ташаккулёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар заминаи дастгирии давлатии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади тақвият додани соҳибкории инфиродӣ, беҳтаргардонидани раванди маъмурикунонии андз, истифодаи хизматрасонии электронӣ, вусъат бахшидани раванди рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ, таъсис додани ҷойҳи кории нав ва устуворгардонии буҷети давлатӣ мебошад (саҳ.106-125);

- натиҷаи дигари муҳиме, ки дар таҳқиқот инъикос гардидаанд ин дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ ва тавсияҳо оид ба такмили низоми андозбандии онҳо мебошад, ки дар асоси истифодаи усулҳои эконометрикӣ таҳия гардида, дурнамои воридоти андоз, тамоюли афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ ва даромади умумии онҳо, тамоюли афзоиши соҳибкории инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро таҳия ва пешниҳод карда шуда, инчунин алгоритми фаъолгардонии субъектҳои хоҷагидории хусусияти истеҳсолидошта пешниҳод карда шудааст (саҳ.134-148).

Барои сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисос ин мавқеи шахсии докторант дар мустаҳкамкунии

нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад ва мазмунан дар чунин шакл оварда шудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад:

- назари якуми муҳақиқ дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ-методӣ ва амалии такмилдиҳии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ асос ёфтааст, ки ин масъала қобили қабул мебошад;
- докторант тамоилҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ карда, дар робита ба имкониятҳои истифодабарии таҷрибаи пешқадами ИДМ онро муқоиса намудааст;
- дар диссертатсия равандҳои ташкилию методии дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ ва андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ асоснок карда шудааст;
- аз ҷониби муҳақиқ омилҳои ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ таъсиррасон интихоб гардида, вобастагии байни онҳо ошкор карда шудааст;
- муаллиф моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумора ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро ҷиҳати таъмини самарабахшии идоракунии стратегӣ коркард намудааст;
- масъалаи дигаре, ки қобили дастгирӣ аст, ин аз ҷониби докторант таҳия намудани алгоритм, механизм ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ мебошад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Муқаррароти илмии дар диссертатсия ифода ёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути гузаронидани таҳлилҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморию эконометрикии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва муқоисавӣ таҳия гардидаанд. Дар раванди таҳияи таҳқиқоти илмӣ аз равиши системавӣ ва истифодаи усулҳои таҳлили умумииқтисодӣ, усулҳои муқоисавӣ, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ ва усули мантиқӣ истифода гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

5. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Асосҳои илмии таҳқиқот аз таҳиқиқ намудани заминаҳои назариявӣ ва методии истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни такмили низоми андозбандии рушди соҳибкории истеҳсолӣ иборат мебошад.

Амалӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар самти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи низомҳои махсуси андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори иқтисодӣ ва заминаҳои нави андозбандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизм, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ бар меояд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, паст намудани меъёрҳои андозҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат карда метавонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии такмил додани фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ вобаста ба шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритм ва моделҳои эконометрикӣ асоснок намудааст.

Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тафсифи онро дар алоҳидагӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

6. **Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос менамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ нашр кардааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муҳокима карда шудааст.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои КОА ҶТ, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаи кор, ҷанбаҳои мусбӣ ва норасогиҳо.** Кори тақризшаванда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербор, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 170 саҳифаи компютерӣ буда, 13 ҷадвал, 9 расм, 16 формула, 5 диаграмма ва 152 номгӯйи адабиётро дар бар мегирад.

Дар **муқаддимаи кор** масъалаҳои зерин ҳаллу фасл шудаанд: мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқии мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашма ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ, дараҷаи эътимоднокӣ ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб, амалисозии натиҷаҳо ва интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.

Дар боби аввали диссертатсия, ки **«Асосҳои андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ»** ном дорад, муаллиф таваҷҷуҳи махсуси худро ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба омӯзиши таҷрибаи байналмилалии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст.

Ба ақидаи муаллиф омӯзиш ва таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявӣ-методологии андозбандии фаъолияти субъектҳои мухталифи иқтисодиётро дар алоқамандии зич бо соҳаҳои гуногуни рушди ҷомеа хело муҳим гардонидааст. Инчунин қайд намудааст, ки имрӯзҳо тағйироти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва буҷетӣ байни сатҳҳои гуногуни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, раванди ҳамгироии иқтисоди Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ сиёсати мувофиқро дар бунёди андозбандии самаранок, одилона ва устувор ба миён овардааст.

Қайд гардидааст, ки омӯзиши соҳибкории истеҳсолӣ ва алоқамандии он бо низоми андозбандӣ асоси воқеӣ дошта, воситаи муҳимми истифодаи

фишанги идоракунӣ дар баланд бардоштани сатҳи соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Бинобар ин, дар заминаи асоснокгардонии амалияи андозбандӣ дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ модели консептуалии назарияи андоз ҷой дорад (саҳ. 24).

Муаллиф мақоми давлатро дар масъалаи муфидгардонии андоз барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили таъсирбахш хело муҳим шуморида, қайд кардааст, ки заминаи моддии рушди иқтисодӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб ёфта, бо дарназардошти риояи қоидаҳои низоми андозбандӣ ба роҳ монда мешавад.

Докторант У.Ҳусейнов дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадами бозорӣ ба хулосае омадааст, ки бе дастгирии давлатӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ ғайриимкон аст.

Дар боби дуюм диссертатсия, ки **«Таҳлил ва арзёбии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи истифодабарии низомҳои махсуси андозбандӣ»** ном дорад, вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ва таъсири андозбандӣ ба нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудааст.

Чи тавре ки докторант қайд менамояд, чорабиниҳои асосие, ки ба дастгирии соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ мутааллиқанд ва ҳамчун заминаи ташкилию ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд, ин бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бақайдгирии молу мулк, ҳисоботдиҳӣ, суғуртакунӣ, танзими зиддиинҳисорӣ, сода намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳӣ ва мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба шумор меравcovered ранд (саҳ. 60-61).

Ба ақидаи докторант барои ташкил ва арзёбии вазъи дигаргуншавии рушди субъектҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташкили механизмҳои нави хоҷагидорӣ ба роҳ мондани навовариҳои хизматрасонӣ дар истеҳсолот шарти асосӣ мебошад (саҳ. 63).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар сикли фаъолияти корхонаҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла дар истеҳсоли семент ҳамчун маҳсулоти афзалиятнок, бояд корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсоли ғишти қолабӣ, маҳсулоти ёрирасони сохтмонӣ, қубурҳои соҳавӣ, дахлезҳо ва ғайраҳо имкониятҳоеро фароҳам оранд, ки раванди истеҳсолот характери маҷмуӣ

гирифта, бо хароҷоти камтарин ва нархи дастрас дар заминаи ташаккули занҷираи изофа устувории молиявиро таъмин намояд ва дар маҷмуъ ба тавсеаи заминаи андозбандӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ боис гардад (саҳ. 80).

Ҳамчунон дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Самтҳои асосии такмили андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ»** ном дорад, масъалаҳои асосноккунии самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ, андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои такмилдиҳии он, мушкилот, дурнамо ва самтҳои такмили низоми андозбандии фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ илман асоснок карда шудааст.

Тибқи ақидаи муаллиф дар кори диссертасионӣ асоснок намудани ҷараёни алоқамандии андоз ва нишондиҳандаҳои асосии субъектҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ муҳим мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ омили таъмини самаранокӣ аст. Аз ин лиҳоз, самаранокии фаъолияти соҳибкории хурд аз шароите, ки давлат барои рушди он фароҳам меорад, бештар вобастагӣ дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ташаккули бомуваффақияти корхонаҳои хурд, миёна ва калон омилҳои зиёд таъсир мерасонанд (саҳ. 106).

Дар кори таҳқиқотӣ маълум карда шудааст, ки барои муайян намудани алоқамандии андоз ва фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти афзоиш ёфтани иқтидори бозтавлиди истеҳсолӣ баромад намуда, бо ҷалби техникаю технологияҳои нав рушди фаъолияти соҳибкориро такон мебахшад (саҳ. 125).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф ба масъалаҳои такмили низоми андозбандӣ дар тамоми бахшҳо таваҷҷуҳи хоса намудааст. Ба ин масъалаҳо фаъолияти субъектҳои хурду миёнаи соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳо дар самти ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти фароҳам овардани шароитҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст.

Пешниҳоди муаллиф оид ба муайян намудани дурнамои нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, моделҳои дурнамосозии воридоти андоз, шумораи субъектҳо ва даромади умумии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, соҳибкории инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ қобили дастгирӣ мебошад.

Инчунин муваффақияти кори таҳқиқотии докторантро дар хулосаву пешниҳодҳо ба пурраги мушоҳида намудан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии У. Ҳусейнов Дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Дар ин баробар, дар диссертатсия як қатор камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертасия беҳтар мешавад:

1. Новобаста аз фаровонии маводи омории истифодашуда, маълумоти омории соли 2022-2023 аз мадди назари докторант дур мондааст;
2. Маълумоти «Ҷадвали 2.1. – Шумораи корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият барои солҳои 2017 - 2021, адад» дар матни зербоб пурра шарҳ дода нашудааст;
3. Докторант дар раванди таҳқиқоти худ таҷрибаи давлатҳои ИДМ-ро омӯхта пешниҳод кардааст, ки таҷрибаи ин давлатҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Хубтар мешуд агар докторант қайд мекард, ки бо кадом роҳу усулҳо ин таҷрибаро истифода бурдан мумкин аст.
4. Дар раванди таҳқиқот, дар доираи боби дуюми таҳқиқот, зербоби 2.1. Вазъи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст, беҳтар мешуд агар дар доираи ин зербоб муаллиф пас аз муайян намудани муаммоҳо инчунин роҳҳои ҳалро пешниҳод мекард.
5. Дар кор теъдоди зиёди маводи графикӣ пешниҳод шудааст. Беҳтар мешуд, агар баъзе аз ҷадвалҳои калонҳаҷм дар шакли замима оварда мешуд.

Бояд таъкид намуд, ки камбудиву эродҳои болозикр ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва аҳамияти илмии онро коста намекунанд.

**9. Баҳогузории автореферати диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ.**

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз камбудиву эродҳои дар боло номбаргардида, дар умум, диссертатсияи мазкур кори таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи мундариҷаи диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи «Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли

корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» нишон дод, ки аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Х.Р.

Имзои «Улуғхоҷаева Х.Р.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға :734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (992) 37 227-15-10,
E-mail: info@tnu/.tj